Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-005 назди Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33)

# Тақриз

**ба автореферати Муҳаммадқодири Наҷмуддин дар мавзуи "Масъалаҳои таҳсилоти динӣ дар давлати дунявӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сотсиологӣ аз рӯйи ихтисоси 22.00.04 – Сохтори иҷтимоӣ, ниҳодҳо ва равандҳои иҷтимоӣ**

Дар ҷомеаи муосир таҳсилоти динӣ яке аз ҳуқуқҳои бунёдии инсон ва шаҳрванд ба ҳисоб рафта, дар низоми қонунгузории тамоми давлатҳои дунявӣ пешбинӣ гардидааст, давлатҳои дунявӣ барои таҳсилоти динии шаҳрвандон шароити заруриро фароҳам овардаанд. Таҳсилоти динӣ аз замонҳои қадим ба роҳ монда шуда буд ва бо пешрафти ҷомеа сохтор, шакл ва сифати он низ тағйир ёфт. Татбиқи сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи дин яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати дохилии кишвар ба ҳисоб рафта, ҳалли масъалаҳои таҳсилоти динӣ, муносибати давлат бо дин, алоқамандӣ ва ҳамтаъсиррасонии мақомоти давлатӣ бо муассисаҳою ташкилотҳои динӣ барои фароҳам омадани муҳити созгори иҷтимоӣ ва таҳкими ваҳдати миллӣ мусоидат менамоянд. Таҳсилоти динӣ, фаъолияти иттиҳодияҳои динӣ, ҳуқуқу озодиҳои динии шаҳрвандон ва дигар принсипҳои озодии виҷдон дар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мустаҳкам гардидаанд.

Пас аз истиқлолияти давлатии Тоҷикистон якбора ба фазои динии кишварамон мазҳабу равияҳои гуногуни динӣ ва ҳатто ифротӣ роҳ

ёфтанд. Бо шарофати сиёсати хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон фазои динии Тоҷикистон ба эътидол даровардa шуда, амсилаҳои мувофиқи ҳамкорӣ ва робитаҳои байни давлати дунявӣ ва иттиҳодияҳои динӣ кор карда баромада шуданд. Инчунин, бо ташаббуси бевоситаи Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нақш ва ҷойгоҳи мазҳаби ҳанафӣ дар кишварамон ҳифз карда шуд, ҳатто соли 2009 «Соли бузургдошти Имом Абуҳанифа» эълон гардид. Соли 2010 шаҳри Душанбе аз тарафи Ташкилоти исломӣ оид ба масъалаҳои таҳсилот, илм ва фарҳанг барои дастовардҳо дар рушди ислом «пойтахти фарҳанги исломӣ» эълон гардид.

Диссертант қайд менамояд, ки таҳсилоти динӣ раванди мақсадноки таълиму тарбияи инсон мебошад, ки барои ташаккул додани ҷаҳонбинии динии аҳолӣ, омода намудани мутахассисони соҳаи дин ва дар маҷмуъ иҷтимоишавии динии шаҳрвандон нигаронида шудааст .

Навгонии илмии таҳқиқот ба он асос меёбад, ки диссертант дар доираи илми сотсиология ва илми ватанӣ бори аввал масъалаҳои таҳсилоти диниро дар давлати дунявӣ, мавриди баррасӣ қарор дода, дар асоси иҷрои вазифаҳои мушаххаси гузошташуда ба натиҷаҳои муайяни илмӣ ноил гардидааст. Аввалин маротиба масъалаҳои таҳсилоти динии Тоҷикистон бо далелҳои возеҳ баррасӣ гардида, вазъи кунунӣ, мушкилот ва дурнамои рушди таҳсилоти динӣ дар давлати дунявии Тоҷикистон мариди таҳлили амиқи илмӣ қарор гирифтанд. Ошкор карда шуд, ки маҳз таҳсилоти босифати динии расмӣ ва давлатӣ ҷаҳонбинии солими динии шаҳрвандонро ташаккул медиҳад.

Саҳми шахсии диссертант аз он иборат аст, ки шахсан дар тадқиқоти сотсиологӣ иштирок намудааст. Аз таҳлили натиҷаҳои таҳқиқоти сотсиологӣ маълум гардид, ки дин дар ҳаёти иҷтимоии шаҳрвандони Тоҷикистон мақоми хеле баланд соҳиб шуда, аҳолӣ ба масъалаҳои таҳсилоти динӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамоянд. Натиҷаҳои тадқиқот ва нуктаҳои асосии диссертатсияро дар якчанд

конференсияҳои илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ маъруза намуда, дар мақолаҳои илмӣ ба нашр расонидааст. Навгониҳои диссертатсия ба натиҷаҳои тадқиқоти сотсиологии гузаронидаи муаллиф алоқамандии зич дорад. Автореферати диссертатсияи Муҳаммадқодири Наҷмуддин фишурдаи тадқиқоти илмии тахассусиест, ки аз руи маводи диссертатсия тартиб додашудааст.

Дар маҷмӯъ автореферати диссертатсияи Муҳаммадқодири наҷмуддин дар сатҳи хуби илмӣ навишта шудааст. Ин як тадқиқоти мукамал ва аслӣ доир ба мавзуи мубрами имрӯзаи ҷомеаи тоҷикистонӣ буда, бо таҳлилли илмии худ фарқ мекунад. Бобоҳо ва зербобҳои диссертатсия бо дарназардошти усулҳои тафаккури илмӣ ва таҳқиқи мантиқӣ таҳия гашта, тамоми ҷанбаҳои мавзуро вобаста ба пешрафти илми сотсиологияи замони муосир фаро мегиранд.

Муқаддимаи автореферат, мубрамият, дараҷаи таҳқиқи мавзуъ, робита, мақсад ва вазифаҳо, оъект, марҳила, макон ва давраи таҳқиқоти илмӣ, навгонӣ, аҳамияти назариявию амалии диссертатсия ва дигар паҳлуҳои илмие, ки зикраш дар муқаддим ҳатмӣ мебошанд, дар бар мегиранд.

Автореферати Муҳаммадқодири Наҷмуддин дар мавзуи “Масъалаҳои таҳсилоти динӣ дар давлати дунявӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сотсиологӣ аз рӯйи ихтисоси 22.00.04 – Сохтори иҷтимоӣ, ниҳодҳо ва равандҳои иҷтимоӣ фишурдаи муҳтавои таҳқиқоти комилу анҷомёфта ва илман асоснок мебошад. Бо вуҷуди ин, дар автореферат камбудиҳо низ ба назар мерасанд, ки чунин ишора мегарданд: Аз мутолиаи автореферат маълум мегардад, ки дар матни чопии он баъзе аз норасоиҳои ҷузъи, мисли хатогиҳои имлоӣ ва тахникӣ ба мушоҳида мерасанд, аммо ин норасоиҳо ба мазмун ва арзиши илмии автореферат таъсири ҷиддӣ намерасонанд.

Аз ин рӯ, автореферат ҷавобгӯйи талаботи бандҳои 31 ва 33-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ гардидааст, буда,

муаллифи диссертатсия Муҳаммадқодири Наҷмуддин сазовори номзади илмҳои сотсиологӣ аз рӯйи ихтисоси 22.00.04 – Сохтори иҷтимоӣ, ниҳодҳо ва равандҳои иҷтимоӣ мебошад.

**Муқарриз:**
Номзади илмҳои фалсафа,
дотсент, Ректори донишкадаи Исломии
Тоҷикистон ба номи Имоми Аъзам –
Абуҳанифа Нуъмон ибни Собит

Зокирзода Н.М.

Имзои Н.М. Зокирзодаро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳо, таъминоти
ҳуқуқӣ ва коргузории ДИТ

14.02.2024.

Ҷомадов Х.